ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи «Масъалаҳои ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино» барои дарёфти дараҷаи илмии Доктори Ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси таърихи фалсафа. Шаҳри Душанбе, 2026. – 391 саҳифа.

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои рисола ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мавзуъи рисолаи илмии Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович ба масъалаҳои ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино бахшида шудааст. Муҳтавои он масъалаҳоеро дарбар мегирад, ки бевосита инъикоскунандаи метафизикаи Ибни Сино мебошанд. Вобаста ба мавзуъ ва муҳтавои худ диссертатсияи мазкур ба шиносномаи ихтисоси Таърихи фалсафа 6D020102 ва самтҳои хоси ба шурои диссертатсионии 6D. КОА-092 тааллуқдошта, ки дар назди Донишгоҳи Миллии Тоҷикитсон амал мекунад, мувофиқат менамояд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқ. Ҳар як миллат дорои фарзандоне аст, ки гузашти замон чеҳраи онҳоро на ин ки тира, балки дурахшонтар месозад. Яке аз чунин шахсиятҳо Ибни Сино барои миллати тоҷик мебошад. Шахсияти Ибни Сино яке аз чеҳраҳои тобони осори мондагори Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ мебошад. Чунин як таваҷҷуҳ худ баёнгари он аст, ки Ибни Сино ва осори мондагори ӯ ҳамеша ҳамчун мавзуи мубрами илм ва фалсафаи миллии мо мебошад.

Масъалаи ҳастӣ ҳамчун бунёдитарин масъалаи фалсафа ва ҳаёт ҳамеша барои инсон дорои хусусияти мубрамият мебошад. Ҳамаи воқеиятҳои обективӣ ва субективӣ, зоҳирӣ ва зеҳнии мо дар ниҳоят бо мфҳуми ҳастӣ умумият меёбанд.

Онгуна ки дар фалсафаи Ибни Сино масъалаи ҳастӣ матраҳ гардидааст, дар ҳеҷ як аз фалсафаҳои дигар файласуфон он матраҳ нагардидааст. Ҳангоми шинохти масъалаи ҳастӣ ва ҳамчунин камбудиҳои файласуфони пешина Ибни Сино аз равиши мантиқӣ истифода намудааст, ки худ беш аз ҳар амали дигар барои фалсафаи имрӯзаи тоҷик мубрам ва актуалӣ мебошад. Бо вуҷуди вуҷуд доштани анъанаи синошиносӣ масъалаи асосии Ибни Сино, яъне ҳастӣ ба андозаи зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Албатта дар ин ҷо як қатор мушкилиҳои обективӣ ва марбут ба сиёсати замон вуҷуд доштанд, масалан калимаи “илоҳиётшиносӣ”, ки дорои маъниҳои васеъ ва хурд аст ва яке аз маъноҳои он ҳамон “метафизика” мебошад, ба хотири наздикӣ доштан бо масъалаи

Худо қобили қабул набуд ва бо ҳамин фаҳмиши хато монеи омӯзиши метафизикаи Ибни Сино мегардиданд.

Аз шарҳҳои дар рисола овардашуда маълум мегардад, ки Ибни Сино бо фалсафаи худ дар анъанаи метафизикаи ҷаҳонӣ таҳаввул ворид намудааст, аммо то имрӯз навгонии вориднамудаи ӯ барои мо маълум набуд ва дар ин рисола ин масъала бозкушой гардидааст. На танҳо масъалаи ҳастӣ, балки масъалаи ҳастӣ ва моҳият низ аз навгониҳои рисолаи мазкур мебошад.

Ҳамонгуна ки дар фалсафаи ҷаҳонӣ масъалаи ҳастӣ ҳамеша масъалаи актуалӣ мебошад, дар фалсафаи тоҷик низ бояд масъалаи ҳастӣ ҳамеша дар раддаи аввал қарор дошта бошад. Бо дарназардошти аҳамияти масъалаи ҳастӣ дар фалсафаи ҷаҳонӣ ва дурахшиши ин масъала дар фалсафаи Ибни Сино, ки рисолаи Шаҳовудинов Н. ба он бахшида шудааст, ман мавзуи асосии рисолаи мазкурро дар шароити имрӯза мубрам ва дорои аҳамият меҳисобам.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар рисола ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст. Дар мавриди дараҷаи навгонии натиҷаҳо муаллиф инсофан дуруст қайд менамояд, ки масъалаҳои зикргардида дар шакли алоҳида қаблан таҳқиқ гардидаанд, аммо ҳамчун як масъалаи том ва кулл он нахустин маротиба таҳқиқ гардида, кӯшиш шудааст, ки тамоми масъалаҳои метафизикии фалсафаи Ибни Сино мавриди таҳқиқ қарор гирад. Онгуна ки муаллиф худ нишон додааст, Навгониҳои диссертатсия аз дараҷаи зайл мебошанд:

- Мафҳуми метафизика ба тариқи муфассал ва бо дарназардошти ҷойгоҳи он дар анъанаи метафизикаи ҷаҳонӣ мавриди бозкушой қарор гирифтааст. Метафизика ҳамчун илми барин ва назарӣ бо куллияти худ аз илмҳои назарии ҷузъӣ ба мисли математика ва физика фарқ менамояд. Мавзуи асосии он ин ҳастӣ чунон ҳастӣ ва аразҳои хоси он мебошанд;
- Дар шинохти метафизика Ибни Сино аз Форобӣ таъсири калон гирифтааст. Муаллиф муҳимтарин хидматҳои Форобиро дар шаклгирии фалсафаи асримиёнагӣ матраҳ сохтааст, ки инҳо шиносонидани фалсафаи юнонӣ ба хонандаи мусалмон, сохтани забони фалсафа, муайян намудани мавзуи асосии фалсафаи метафизикӣ, гуруҳбандӣ ва таснифоти илмҳо ва мисли инҳо мебошанд;
- Масъалаи вуҷуд ва моҳият мавриди баҳс қарор мегиранд ва маънии вуҷудӣ аз маънии моҳиятӣ ҷудо карда мешавад. Бар асари сабукандешӣ то ин вақт гумон мерафт, ки маънии вуҷуд ва маънии моҳиятҳо як ва ҳамон чиз ҳастанд, аммо таҳлили мантиқӣ нишон медиҳад, ки онҳо аз ҳам фарқ менамоянд;

- Воҷиб-ул-вуҷуд ва имкон-ул-вуҷуд ҳамчун навъҳои ҳастӣ на дар худии худ ва дар новобастагӣ, балки дар асоси баҳси бунёдии вуҷуд ва моҳият мавриди таҳлил қарор мегиранд ва нақши вуҷуд ва моҳият дар шинохти онҳо нишон дода мешавад;

- Масъалаи модда мавриди таҳлили бунёдӣ қарор мегирад ва нишон дода мешавад, ки он яке аз ҷавҳарҳоест, ки таркиби ҷисмро ташкил медиҳад ва дар нисбат ба сурат пассив мебошад;

- Масъалаи ҷавҳар ва араз муфассал мавриди таҳлил қарор мегирад. Баръакси Арасту дар фалсафаи Ибни Сино даҳ категория на ҳамчун навъҳои ҳастӣ, балки ҳамчун моҳиятҳо шинохта мешаванд, ки ҳастӣ аз онҳо ҷудо буда, ба қатори онҳо дохил намешавад. Дар ин ҷо яке аз нуқтаҳои фарқкунандаи фалсафаи Ибни Сино аз дигар фалсафаҳо намоён мегардад;

- Баҳси куллӣ ва ҷузъӣ асосан бо таҳлили куллӣ мутамарказ гардидааст. Дар ин бахш муаллиф нишон медиҳад, ки масъалаи куллӣ бо ҳастии зеҳнӣ ва моҳият алоқамандӣ дорад;

- Масъалаи сабабҳо ниҳоят муфассал таҳлил мегардад. Маз сабабҳо боис мегарданд, ки чиз аз ҳолати имконӣ ба воқеӣ табдил ёбад. Ҳар як хусусияти чаҳор сабаб ошкор карда мешавад, ки қаблан чунин равшаниандозӣ дар муносибат бо баъзе сабабҳо, бахусус сабаби фоъилӣ ва ғойӣ сурат нагирифта буд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Бандҳои алоҳидаи хулосаи дар рисола овардашуда бо тартиботи масъалагузорие, ки дар рисола мушоҳида мешавад, мутобиқат менамояд. Дар хулоса муҳимтарин масъалаҳои дар матни асосӣ матраҳгардида натиҷагирӣ шудааст. Бо вуҷуди он ки баъзе аз нуктаҳо муфассал матраҳ гардидаанд, ки хоси хулоса нестанд, дар ин бахш як биниши ҷамъбастӣ ва умумиятдодашуда ба мушоҳида мерасад. Дар хулоса нуктаҳои дар рисола пешниҳодшаванда ва моҳияти масъалаҳои алоҳида ва масъалаҳои бунёдӣ инъикоси худро ёфтаанд.

Тавсияҳое, ки дар анҷоми рисола пешниҳод гардидаанд, барои сифатан беҳтар гардонидани дараҷаи омӯзиш ва ҳамчунин дараҷаи таҳқиқот дар Тоҷикистон ҳам дар соҳаи фалсафа ва ҳамчунин дар соҳаи синошиносӣ қобили қабул мебошанд. Ба хубӣ мушоҳида карда мешавад, ки рисолаи мазкур бо як равиши нав таҳқиқ гардида, бо методҳои феноменологӣ паҳлуҳои гуногун ва то ҳол норавшани фалсафаи Сино ошкор карда шудааст. Он барои хонандагони оддӣ, магистрантҳо, докторантҳо, муҳаққиқони соҳаи фалсафа, бахусус фалсафаи асримиёнагӣ маводи муфид шуда метавонад, бинобар ин бояд он дар барномаҳои

таълимӣ ва илмӣ ҷойгир карда шуда, ҳамчун воситаи таълимӣ ва табақаҳои гуногуни илму адаб пешниҳод гардад. Дар як вақт он маводи хуби илмӣ барои худшиносии миллӣ ба ҳисоб меравад, ки донистани Сино ва фалсааи ӯ барои ҳама дорои аҳамият мебошад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои дар диссертатсия инъикосёфта. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки ба хотири боэътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия ба сарчашмаҳои асил ва қобили эътимод, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидаанд, мурочиат намояд. Набудаи робитаҳои илмӣ бо синошиносии аврупоӣ боис гардида буд, ки мо аз дастовардҳои илми ҷаҳонӣ дар ин соҳа бехабар бошем. Дар рисола ба мушоҳида мерасад, ки адабиёти аврупоӣ ва афкори онҳо дар бораи Ибни Сино ба тариқи чашмрас истифода гардидааст. Бештар ба худи матни фалсафаи Ибни Сино такя кардан, савияи боварибахшии натиҷаҳои муаллифро боло мебарад. Истифодаи методҳои феноменологӣ ва герменевтикӣ боис гардидаанд, ки масъалаҳо дар нури фаҳмиш ошкор гарданд. Якҷонибагароӣ, ба эҳсосот роҳ додан, дур гардидан аз обективият ва мисли ин амалҳое, ки аз арзиши илмии асар коста мегардонанд, дар рисола ба назар намерасад. Равиши мантиқӣ ва таҳлилӣ аҳамият ва арзиши натиҷагириҳои рисоларо боло бурдааст.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Рисолаи Шаҳовудинов Н. аз таркиби зерин иборат аст: муқаддима, панҷ боб(боби якум се фасл, боби дувум ду фасл, боби савум се фасл, боби чаҳорум ду фасл ва боби панҷум низ аз ду фасл) хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ ҳамчунин аз рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар умум рисола аз 391 саҳифа иборат аст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳҳамияти амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян шудаанд.

Дар боби якуми рисола, ки "**Заминаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва сиёсии густариши фалсафа дар асрҳои миёна**" ном дорад ва аз се параграф иборат аст, муаллиф се масъалаи бунёдиро матраҳ сохтааст, ки ҳамагӣ бештар як хусусияти пешдаромад дорад. Дар параграфи аввал заминаҳои инкишофи фалсафаҳои Юнон, Ҳинд ва Эрони Бостон дар шарқи исломии асримиёнагӣ матраҳ гардидааст. Адабиётҳои истифодашуда дар ин маврид агарчи нав нестанд, аммо маводҳои ҷолиб ва боарзиши илмӣ пешниҳод гардидаанд. Фалсафаи асримиёнагӣ дар заминаи холӣ ба вуҷуд наомада, балки дар ин сарзамин доду ситади чандсадсолаи фарҳангӣ ва илмӣ вуҷуд доштааст, ки маводҳои пешниҳодгардида далели боарзише ҳастанд. Параграфи дувум ба саҳми Ал Форобӣ дар шаклгирии

фалсафаи асримиёнагии тоҷик бахшида шудааст. Аҳамияти ин параграф дар он аст, ки бидуни шинохти Форобӣ на фалсафаи асримиёнагии шарқи исломӣ қобили маърифат аст ва на фалсафаи Ибни Сино. Маълумот оид ба Форобӣ ниҳоят муфид, боарзиш ва саривақтӣ мебошад, ки дар навбати худ барои шинохти Форобӣ беҳтарин мавод ба ҳисоб меравад.

Параграфи савум ба заминаҳои ғоявии густариши фалсафаи метафизикии Ибни Сино бахшида шудааст. Дар ин параграф муаллифи рисола сарчашмаҳои юнонӣ, эронӣ ва ҳамчунин сарчашмаҳои ғоявии исломиро, ки барои ташаккули фалсафаи Сино ҳамчун замина хидмат кардаанд, матраҳ сохтааст. Таҳлилҳо хусусияти обективӣ дошта, муаллиф андешаҳояшро бо далелҳои боварибахш асоснок гардонидааст.

Боби дуюми **рисола "Масъалаи ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино"** ном дорад, ки аз ду параграф иборат аст ва ба масъалаҳои марбут ба ҳастӣ ва навъҳои он бахшида шудааст. Дар параграфи аввал масъалаи ҳастӣ матраҳ мегардад, ки муаллиф баҳсро аз масъалаи мазкур дар фалсафаи Арасту оғоз менамояд. Муҳимтарин нукта дар ин маврид он аст, ки ҳадафи Сино аз ҳастӣ ин ҳастии ҷудо аз модда мебошад, ки ҳам дар фалсафаи Арасту ва ҳам фалсафаи Ибни Сино сухан маҳз аз чунин ҳастӣ меравад. Аммо ин маънии онро надорад, ки масъалаи ҳастӣ дар фалсафаи ҳар дуи ин файласуфон як хел мебошад. Дар фалсафаи Арасту ҳастӣ дорои хусусияти трнансенденталӣ нест, аммо дар фалсафаи Ибни Сино он дорои трансенденталӣ мебошад.

Дар ҳамин параграф муаллиф назари Сино дар мавриди мавзуи асосии метафизикаро матраҳ гардонидааст, ки онҳо се то мебошанд: якум, аразҳои хоси ҳастӣ, дувум, асосҳои илмҳои ҷузъӣ ва ниҳоятан масъалаи нахустасос ва ё ҳамон назарияи судур мебошад. Дар қисмати охири параграфи мазкур навъҳои ҳастӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд, ки умумият ва фарқияти онҳо ба тариқи умумӣ матраҳ мегарданд.

Параграфи дувум ба масъалаи воҷиб-ул-вуҷуд бахшида шудааст. Дорои моҳият набудани воҷиб-ул-вуҷуд, дорои хосиятҳои мумкин-ул-вуҷуд набудани он ва ҳамчунин ақли маҳз, хайри маҳз ва саодати маҳз будани он матраҳ гардидааст. Бояд зикр намуд, ки консепсияи воҷиб-ул-вуҷуди Ибни Сино аз консепсияи исломии Худо фарқ менамояд, он бештар бо назароти Навафлотуниҳо шабоҳат дорад.

Дар боби сеюми рисола, ки "**Имкон-ул-вуҷуд – консепсияи ҳастӣ: вуҷуд ва моҳият, ҷавҳар ва араз, кулл ва ҷузъ дар фалсафаи Ибни Сино**" ном дорад, як қатор масъалаҳои муҳим аз қабили вуҷуд ва моҳият, ҷавҳар ва араз, ҳамчунин куллӣ ва ҷузъӣ мавриди баҳс қарор мегиранд. Параграфи аввал ба масъалаи вуҷуд ва моҳият бахшида шудааст. Муаллиф

масъалаи мазкурро аз фалсафаи Арасту оғоз менамояд, зер ин ду мафҳум нахустин маротиба маҳз дар фалсафаи ӯ дурахшидаанд. Дар идомаи баҳс масъалаи густариши баҳси моҳият дар фалсафаи асримиёнагиро матраҳ мегардад. Баҳси чиз дар байни мутакаллимон, таҳаввули он тавассути Форобӣ ва таҳлилҳои доманадори Ибни Сино дар мавриди ҳастӣ ва моҳият аз махсусиятҳои ин параграф ба ҳисоб мераванд.

Параграфи дувум масъалаи ҷавҳар ва араз ва ё ҳамон баҳси категорияҳоро матраҳ гардонидааст. Дар оғоз масъалаи ҷавҳар дар фалсафаи Арасту ва ҳамчунин назари Ибни Сино дар мавриди ҷавҳар матраҳ мегардад. Сино ҷавҳарҳоро ба панҷ навъ ҷудо менамояд ва дар рисола се ҷавҳар модда, сурат ва ҳамчунин ҷисм ҳамчун ягонагии модда ва сурат мавриди таҳлил қарор мегиранд. Ин параграф яке аз масъалаҳои муҳими метафизикаи Синоро дарбар мегирад, ки бидуни он дарки фалсафаи Сино номумкин мебошад. Фарқияти асосии модда аз сурат, дорои хусусияти пассив будани модда ва фаъол будани сурат, вуҷуди зоҳирӣ надоштани модда бидуни сурат, фарқияти миёни модда аз ҳаюло, фаҳмиши физикӣ ва метафизикии ҷисм ва масъалаҳои бунёдии дигар маҳз дар ҳамин параграф ҳалли худро меёбанд.

Муҳимтарин хусусияти ин параграф дар он аст, ки назари Сино дар мавриди моҳият будани даҳ категорияи арастуӣ маҳз дар ҳамин параграф ифода ёфтааст. Даҳ категория моҳиятҳо мебошанд ва ҳастӣ бошад ба онҳо дохил намешавад. Агар маънии ҳастӣ бо маънии моҳиятҳо як чиз бошад, онгоҳ ҳастӣ аз маънӣ маҳрум мегардад. Ё ин ки агар ҳастӣ баробари категорияҳо дорои даҳ маънӣ бошад, пас антитезиси он, яъне нестӣ низ бояд дорои даҳ маънӣ бошад, ҳоло он ки нестӣ танҳо дорои як маънӣ аст, пас ҳастӣ танҳо дорои як маънӣ буда, бо ҳамл гардидан бар моҳиятҳо моҳиятҳоро дорои ҳастӣ мегардонад.

Ҳамчунин муаллиф муносибати ҳастӣ бо категорияҳоро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки ҳастӣ бо даҳ категория муносибати баробар надорад, муносибати он аз муносибати ҷинс бо навъҳои худ фарқ менамояд. Шиддати ҳастӣ дар ҷавҳар зиёд аст ва пас аз он дар миқдор ва сифат ва дар ҳафт категорияи боқимонда бошад, шиддати ҳастӣ боз камтар мебошад.

Параграфи савум ба таҳлили масъалаи куллӣ ва ҷузъӣ бахшида шудааст. Муаллиф масъалаи ҷузъиро таҳлил накардааст, зеро ҷузъӣ худ як бахши куллӣ мебошад. Дар мавриди куллӣ бошад бештар бар дорои шабоҳат будани он бо моҳият таъкид намудааст. Аммо чиз дар зеҳн дар худии худ ҳанӯз на моҳият аст ва на куллӣ то замоне, ки куллият дар зеҳн вориди он нагардад, мафҳум дорои маънии куллӣ намегардад. Дар ин ҷо

комбинатсияҳои гуногуни фикрӣ матраҳ мегардад ва яке аз онҳо ин фарқияти маънии ҷинсӣ аз навъӣ мебошад. Агар бо шунидани мафҳум дар зеҳн боз савол пайдо гардад, пас он мафҳум ҷинсӣ мебошад ва агар бо шунидани он дар зеҳн саволи иловагӣ пайдо нагардад, пас он мафҳуми навъӣ мебошад.

Дар байни файласуфон ҳамеша як баҳсе вуҷуд дорад, ки баҳси куллӣ ва ҷузъӣ ин ҳамон баҳси кулл ва ҷузъ мебошад, аммо Сино дар охири баҳси мазкур фарқияти онҳоро шарҳ медиҳад.

Боби чаҳоруми рисола **“Назарияи сабабият, пешӣ (аввалӣ) ва сипасӣ (баъдӣ), ҳастии би-л-қувва ва би-л-феъл”** ном дорад. Дар ин боб, ки аз ду параграф иборат аст, масъалаҳои муҳими метафизикӣ шарҳ дода шудаанд. Параграфи якум ба масъалаи сабабҳо бахшида шудааст. Ҳастии имконӣ дар ҳолати нестӣ боқӣ мемонад, то замоне, ки чаҳор сабаб бо ҳам омада барои аз ҳолати имконӣ ба воқеӣ табдил гардидани онҳо мусоидат нанамоянд. Сабабҳо ба вуҷудӣ ва моҳиятӣ тақсим карда мешаванд. Сабабҳои вуҷудӣ барои ба вуҷуд омадани чизҳо мусоидат менамоянд, аммо дар моҳияти онҳо дохил намешаванд, инҳо сабабҳои фоилӣ ва ғойӣ мебошанд ва сабабҳои моҳиятӣ бошанддар моҳияти чизҳо дохил мешаванд, ки инҳо сабабҳои моддӣ ва суварӣ мебошанд.

Дар муносибат бо сабаби фоилӣ чизи ҷолиб он аст, ки сабаб ва натиҷа ҳамзамон мебошанд, яъне як замон вуҷуд надошта, балки силсилаи сабабҳо вуҷуд дорад ва баробари ба анҷом расидани сабаб натиҷа низ ба анҷом мерасад ва сабаби нав натиҷаи навро ба ҳамроҳ меоварад. Аммо новобаста аз ҳамзамон будани онҳо, сабаб ва натиҷа дар вуҷуд баробарвазн нестанд, сабаб ҳамчун бахшандаи вуҷуд ҳамеша шиддати бештар дорад нисбат ба натиҷа ҳамчун пазирандаи вуҷуд.

Фарқияти сабаби моддӣ аз худи модда ошкор карда мешавад, ки сабаби моддӣ билфеъл вуҷуд дорад, аммо худи модда бошад билфеъл вуҷуд надорад. Дар мавриди сабаби ғойӣ бошад муаллиф ақидаи Синоро чунин матраҳ сохтааст, ки аз ҷиҳати моҳият сабаби ғойӣ аввал пайдо мегардад ва дигар сабабҳо баъди он, аммо аз ҷиҳати вуҷуд бошад, дигар сабабҳо пеш аз он вуҷуд доранд.

Сино бовар дорад. Ки чиз аз нестӣ ба ҳастӣ намеояд, балки он аз ҳолати билқуввагӣ ба билфеълӣ мегузарад. Имконулвуҷуд худ дар ҳолати билқуввагӣ қарор дорад ва бо мусоидати сабабҳо ба ҳолати билфеълӣ мегузарад. Дар ин муносибат Сино аз мафҳуми ирода бисёр истифода кардааст, аммо боз ҳам бартариятро ба мафҳуми метафизикии қувва додааст.

Боби охири рисола **“Назарияи офариниш олам: гузариш аз фалсафаи назарӣ ба амалӣ”** ном дорад. Дар он ду масъалаи муҳими фалсафаи Ибни Сино матраҳ гардидааст, аввал масъалаи офариниш ва сониян фалсафаи амалии файласуф.

Ҳангоми матраҳ сохтани масъалаи судур ба хубӣ эҳсос мегардад, ки Сино бештар ба фалсафаи навафлотуния муроҷиат намудааст. Бояд зикр намуд, ки пас аз ба вуҷуд омадани назарияи небулярии Кант-Лаплас дигар фарзияи судур ба як афсона табдил гардидааст, аммо он ба худ як маънии нек ва созанда ба маънии инсоният ва умуман ҳастӣ бахшидааст. Дар ин ҷо таълимоти монавия бештар ба хотир мерасад, ки инсон бояд худро аз торикиҳои моддӣ раҳо сохта, ба суи мабдаи нур ҳаракат намояд.

Параграфи охири боби охир ба масъалаҳои амалӣ бахшида шудааст. Он ба масъалаҳои беҳтар гардонидани нафси шахсӣ, масоили хонаводагӣ ва дар ниҳоят масоили иҷтимоӣ бахшида шудааст.

Хулоса аз 13 банд иборат буда, тавонистааст, ки дар худ мағзи рисола ва нуктаҳои муҳими онро таҷассум намояд. Ҳар як банди хулоса як масъалаи муҳими дар рисола матраҳгардидаро ҷамъбаст намудааст.

Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия. Ҳангоми баррасии масъалаҳо дар баробари такя кардан ба матни асосӣ, муаллиф ба дастовардҳои мактабҳои гуногуни шарқӣ ва ғарбии синошиносӣ такя намудааст, ки худ як дастоварди боаҳамияти илмӣ барои синошиносии ватанӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф нишон додааст, ки чигуна Сино ҳангоми баррасии масъалаҳо аз равиши сирф илмӣ ва мантиқӣ истифода менамояд. Новобаста аздигар масъалаҳо омӯзиши равиши фалсафаронии файласуф, ки муаллифи рисола зебо нишон додааст, дорои аҳамияи калони илмӣ мебошад.

Дастовардҳои дар рисола овардашуда бояд дар барномаҳои таълимӣ ва илмӣ ҷойгир гардонида шуда, барои муҳаққиқони ҷавон ва донишмандони соҳаҳои фалсафа, фарҳанг ва таърих омӯзонида шавад. Он метавонад аз ҷиҳати амалӣ боиси ғанӣ гардидани дониши амалӣ ва назарии муҳаққиқон гардад. Ибни Сино аз бузургтарин донишмандони фарҳанги миллии мо ба ҳисоб меравад, омӯзиш ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани он яке аз иқдомҳои Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ ва Президенти муҳтарами мо Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Нашр ва ба ҳамаи қишрҳои ҷомеа расонидани рисола метавонад барои соҳиби дониши бештар гардидан дар соҳаи фарҳанги миллӣ мусоидат намояд.

Рисола бо ба таҳлил кашидани фалсафаи Ибни Сино, яке аз бузургтарин шахсиятҳои фарҳанги миллӣ, саҳми худро дар рушди худшиносии миллӣ гузоштааст.

Муаллиф натиҷаҳои таҳқиқи худро пеш аз ҳама дар монографияи “Метафизикаи Ибни Сино” (Душанбе, 2021, 252 саҳифа), ҳамчунин дар маҷаллаҳои тақризшавандае, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, ҳамчунин дар дигар маҷалла ва маводҳои конференсияҳои сатҳҳои гуногун нашр кунонидааст.

Мутобиқати барасмиятдарории рисолаи илмӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сохторбандии диссертатсия бо санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Масъалаҳо бисёр дурудароз таҳқиқ гардидаанд. Мешуд, ки онҳоро мухтасар таҳқиқ кард. То андозае дурудароз ҳастанд, ки боиси ба дил задани хонанда мегардад.

2. Назари шахсии муаллиф ба мушоҳида намерасад. Ақидаҳои Ибни Сино, ҳамчунин муҳаққиқони дигар мавриди танқид қарор нагирифтаанд, ки ин аз кам бунати маҳорати таҳлилӣ ва танқидии муаллифи рисола дарак медиҳад.

3. Маърифати ҳиссӣ ва ақлӣ бо ҳам дар зиддият нестанд. Маърифати ақлӣ идомаи маърифати ҳиссӣ мебошад. Муаллиф маърифати ақлии Ибни Синоро дар муқобили маърифати ҳиссӣ қарор додааст, ки мантиқан нодуруст мебошад.

4. Диссертатсия дар бораи метафизаи Ибни Сино аст, аммо методҳои феноменологӣ ва ҳерменевтикӣ ҳамчун методҳои асосӣ номида шудаанд, дар ин ҷо як зиддияти фикрӣ ва ё нофаҳмӣ вуҷуд дорад, ки бояд сари он бори дигар андешида шавад.

5. Ҳамчунин дар рисола камбудиҳои техникӣ аз қабили такрори баъзе калимаҳо, истифодаи ғайризарурии вергул ва ё тарҷумаи таҳтуллафзии истилоҳот ҳангоми тарҷума ба назар мерасад, ки бовар дорам дар оянда мавриди таҳрир қарор гирифта ислоҳ мегардад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунад ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Шаҳовудинов Нуридин Субҳонқулович дар мавзуи « Масъалаҳои ҳастӣ дар фалсафаи метафизикии Ибни Сино» аз рӯйи ихтисоси таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии Доктори Ҳабилитат аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи
фалсафа ва фарҳангшиносии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ 3/7/XI Зикирзода Ҳобил

18-уми ноябри соли 2026
Суроға: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ,
Хиёбони Рӯдакӣ 121, Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
Тел.: (+992) 918854054
E-mail: Hobiljon1981@mail.ru

Имзои профессор Ҳ. Зикирзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.
17.11.2026

Суроғаи муассиса:
734003 ш. Душанбе, н. Исмоили Сомонӣ
хиёбони Рӯдакӣ, 121, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
Тел.: (+992-37) 224-13-83
E-mail: info@tgpu.tj
18-уми ноябри соли 2026.